# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Гулова Маъмура Нуровна дар мавзуи “Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Вожаҳои марбут ба лаҳҷаву шеваҳо ҳамеша барои рушду нумуи таркиби луғавии забони адабӣ маводи фаровоне дода, онро сарватманд ва ғанӣ мегардонанд. Ин аст, ки гӯйишҳои забони тоҷикӣ бойигарии миллати тоҷик ба шумор меравbooнд ва дар назди илми забоншиносӣ, бахусус, лаҳҷашиносии тоҷик омӯзишу таҳқиқи хос ва густурдаеро талаб менамоянд. То имрӯз бисёр қисматҳои лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ таҳқиқ гардидаанд. Дар мавриди вожагони марбут ба номгузории рустаниҳо бошад, дар шакли таҳқиқоти алоҳидаи диссертатсионӣ кам корҳо ба анҷом расонида шудаанд. Таҳқиқотҳое, ки анҷом дода шудаанд, фақат ба ҷузъе аз корҳои диссертатсионӣ ворид карда шудаанд. Бо шиносоӣ аз автореферати диссертатсияи Гулова Маъмура Нуровна дар мавзуи “Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ” маълум мегардад, ки таҳқиқгар бо вуҷуди душвориҳое, ки дар пайи омода намудани рисола таҳти мавзуи номбурда садди роҳ мегарданд, нигоҳ накарда,  рисолаи арзишмандеро таълиф намудааст. Чун ноҳияи мавриди таҳқиқ дар қисмати кӯҳистонии кишварамон ҷойгир аст ва мавзуи таҳқиқ ҳам то андозае сафарҳо ба деҳоти мутааллиқи ин навоҳиро  талаб менамояд  ва дар ин кор душвориҳои ҷамъ овардани калимаву луғоти ин соҳаи забоншиносии тоҷик мавҷуданд,  рисолаи таълифнамудаи Гулова Маъмура Нуровна қимати баланди илмиро соҳиб аст.

Мувофиқи маълумоти автореферат, диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Бобҳо дар навбати худ, ба фаслҳо ва баъзе фаслҳо ба зерфаслҳои алоҳида ҷудо шудаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 180 саҳифаи  чопи компютериро ташкил медиҳад.

Диссертант вобаста ба талаботи таҳияи рисоланигорӣ дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, асосҳои методологӣ ва методҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, дараҷаи эътимоднокии

натиҷаҳои таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ ва тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ барин масъалаҳоро баён кардааст.

Муаллиф дар заминаи маводи фаровон ҷанбаҳои муҳим ва пурарзиши мавзуи диссертатсияро дар се боб ва шонздаҳ фасл мавриди баррасӣ қарор додааст.

Аҳаммияти илмӣ-амалии таҳқиқро диссертант, пеш аз ҳама, дар он баён намудааст, ки вижагиҳои луғавию маъноӣ ва сохтории таркиби луғавии яке аз лаҳҷаҳои ҳанӯз таҳқиқнашудаи забони тоҷикӣ – лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ дар мисоли воҳидҳои луғавии ифодакунандаи номи набогот бори нахуст мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд ва натиҷаҳои он дар ҳалли баъзе масъалаҳои марбут ба умумияту тафовути системаи лексикаи лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ мусоидат карда метавонад.

Дар хулоса натиҷаҳои аз таҳқиқ бадастомада дар ёздаҳ банд ба тоеври мушаххас ҷамъбаст карда шудаанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки хулосакуниҳои  муаллифи диссертатсия арзиши баланди илмиро соҳиб буда, тафаккури илмиву таҳлилӣ ва дараҷаи дониши забонии ӯро нишон медиҳанд.

Муайян ва мушаххас намудани вижагиҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории калимаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ аз муҳимтарин дастовардҳои шахсии муаллиф дар таълифи диссертатсия ба ҳисоб меравад.

Гулова Маъмура Нуровна вобаста ба мавзуи мавриди таҳқиқ дар маҷаллаҳои илмиии тақризшавандае, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати таҳсилот ва илми Федератсияи Россия тасдиқ намудаанд, 5 мақола ба чоп расонидааст. Ҳамчунин дар конференсияҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ доир ба мавзуи таҳқиқ баромад намудааст ва мавзуи баромад дар маҷмуаҳо ба чоп расидаанд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант мазмуни диссертатсияро пурра инъикос менамоянд. Матни тоҷикии фишурдаи рисола бо тарҷумаи русии он комилан мувофиқат менамояд.

Дар автореферати диссертатсия дар баробари дастовардҳо ва навгониҳои илмӣ баъзе норасоиҳои ҷузъӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиат буда, ҳусни корро меафзоянд, ба мисли:

1. Аз шиносоӣ бо автореферати диссертатсия чунин бармеояд, ки диссертант дар фасли “Таҳқиқи калимаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо дар осори адибони минтақаи омӯзиш” аз Гулназар Келдӣ, Қутбӣ Киром ва Бобо Ҳоҷӣ барин адибони муътабари зодаи маҳалли

мавриди таҳқиқ ном намебарад. Хуб мешуд, ки зимни баррасии мавзуъ унвонҷӯ аз осори адибони номбурда низ истифода мекард.

2. Маънои баъзе вожаҳои шевагии махсусияти этникидошта бо забони адабӣ шарҳ дода нашудаанд.

Норасоиҳои ишорашуда ислоҳпазиранд ва ба муҳтавои кор халали ҷиддӣ ворид намесозанд, бинобар ин бо эътимоди комил метавон гуфт, ки автореферати диссертатсияи Гулова Маъмура Нуровна дар мавзуи “Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ” кори илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**МУҚАРРИЗ:**

**Доктори илми филология,**
**мудири кафедраи забонҳои**
**Донишкадаи тарбияи ҷисмонии**
**Тоҷикистон ба С. Раҳимов** **Шафоатов А. Н.**

*Имзои А. Н. Шафоатовро тасдиқ мекунам:*
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**ДТҶТ ба номи С. Раҳимов** **Расулов М. М.**

**Суроға:**734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯч. Лучоб, 53
**Тамос:**(+992) 372289117; 985074419
**E-mail:**toj-sport@mail.ru

**“14” декабри соли 2023**